# Пурсишҳо ва посухҳо



Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

بسم الله الرحمن الرحیم

Коди пурсиш: 137

# Аҳком

## Аҳкоми ҳиҷоб, никоҳ ва равобити ҷинсӣ

Нависандаи пурсиш:

Ризо Розӣ

## Аҳкоми ҳиҷоб, никоҳ ва равобити ҷинсӣ

بسم الله الرحمن الرحيم

**Нависандаи пурсиш:** Ризо Розӣ **Тарихи пурсиш:** 30/04/2016

Ҳадди ҳиҷобро аз манзари аллома барои мард ва барои зан аз Қуръон ва эҳёнан аз ахбори мутавотир баён фармойед.

**Посух ба пурсиши шумораи:** 7 **Тарихи посух ба пурсиш:** 04/05/2016

Ҳиҷоби воҷиб ба маънои пӯшондани қисмҳойе аз бадан аст ки назари кардан ба он барои дигарон ҷойиз нест ва он барои мард ду фарҷ аст ки аврати ӯ шумурда мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ لِلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ وَيَحْفَظُوا فُرُوجَهُمْ ۚ ذَٰلِكَ أَزْكَىٰ لَهُمْ ۗ إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا يَصْنَعُونَ﴾ (Нур/ 30); <<Ба мардони мӯъмин бигӯ ки дидагони худро фуру пӯшанд ва фарҷҳои худро пос доранд, ин барояшон покизатар аст, ҳароина Худованд ба коре ки мекунанд огоҳ аст>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки зоҳири он вуҷуби фуру пӯшидани дидагони худ аз назар ба фарҷҳои дигарон ва пос доштани фарҷҳои худ аз назани онон аст ва барои зан низ ду фарҷ аст ки аврати ӯ шумурда мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَقُلْ لِلْمُؤْمِنَاتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصَارِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ﴾ (Нур/ 31); <<Ва ба занони мӯъмин бигӯ ки дидагони худро фуру пӯшанд ва фарҷҳои худро пос доранд>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки зоҳири он вуҷуби фуру пӯшидани дидагони худ аз назар ба фарҷҳои дигарон ва пос доштани фарҷҳои худ аз назари онон аст муъаяди ин, сухани Худованд дар бораи Одам ва Ҳаво алайҳимо салом аст ки фармудааст: ﴿فَلَمَّا ذَاقَا الشَّجَرَةَ بَدَتْ لَهُمَا سَوْآتُهُمَا وَطَفِقَا يَخْصِفَانِ عَلَيْهِمَا مِنْ وَرَقِ الْجَنَّةِ ۖ﴾ (Аъроф/ 22); <<Пас чун аз дарахт чашиданд, авратҳошон барояшон намоён шуд ва шурӯъ карданд ба ниҳодани баргҳои биҳишт бар рӯйи он ду>>; Ҷуз инки барои зан ҳиҷоби бештаре воҷиб аст ва он пӯшондани сар, гардан, сина ва сойири зебойиҳои бадан ба истисноi рӯй ва ду кафи даст аст ки одатан дар муъоширатҳо ошкор мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا ۖ وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّ ۖ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا لِبُعُولَتِهِنَّ أَوْ آبَائِهِنَّ أَوْ آبَاءِ بُعُولَتِهِنَّ أَوْ أَبْنَائِهِنَّ أَوْ أَبْنَاءِ بُعُولَتِهِنَّ أَوْ إِخْوَانِهِنَّ أَوْ بَنِي إِخْوَانِهِنَّ أَوْ بَنِي أَخَوَاتِهِنَّ أَوْ نِسَائِهِنَّ أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُنَّ أَوِ التَّابِعِينَ غَيْرِ أُولِي الْإِرْبَةِ مِنَ الرِّجَالِ أَوِ الطِّفْلِ الَّذِينَ لَمْ يَظْهَرُوا عَلَىٰ عَوْرَاتِ النِّسَاءِ ۖ وَلَا يَضْرِبْنَ بِأَرْجُلِهِنَّ لِيُعْلَمَ مَا يُخْفِينَ مِنْ زِينَتِهِنَّ ۚ وَتُوبُوا إِلَى اللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَ الْمُؤْمِنُونَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ﴾ (Нур/ 31); <<Ва зебойиҳои худ ҷуз чизҳойе аз онҳо ки ошкор мешавадро намоён накунанд

**Аҳкоми ҳиҷоб, никоҳ ва равобити ҷинсӣ**

ва бояд рӯсариҳояшонро бар рӯйи геребонҳошон бияндозанд ва оройиши худро намоён накунанд магар барои шавҳаронашон ё падаронашон ё падарони шавҳаронашон ё писаронашон ё писарони шавҳаронашон ё бародаронашон ё писарони бародаронашон ё писарони хоҳаронашон ё занони (ҳамдина)шон ё бардагонашон ё бастагоне аз мардони ки гаройиши (ҷинсӣ) надоранд ё кӯдаконе ки аз авратҳои занон огоҳӣ наёфтаанд ва поҳойи худро ба гунае назананд ки зеварҳои пинҳонашон маълум шавад ва ҳамагӣ ба сӯи Худованд бозгардед эй мӯъминон бошад ки растгор шавед>> Ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ قُلْ لِأَزْوَاجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَاءِ الْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِنْ جَلَابِيبِهِنَّ ۚ ذَٰلِكَ أَدْنَىٰ أَنْ يُعْرَفْنَ فَلَا يُؤْذَيْنَ ۗ وَكَانَ اللَّهُ غَفُورًا رَحِيمًا﴾ (Аҳзоб/ 59); <<Эй Паёмбар! Ба ҳамсаронат ва духтаронат ва занони мӯъминон бигӯ ки чодарҳояшонро бар худ фуру кашанд, он наздиктар аст ба инки шинохта шаванд ва озор нашаванд ва Худованд омӯрзандаи меҳрубон аст>>, магар занони солмондае ки умеде ба никоҳ надоранд ва барои онон ҷойиз аст ки бидуни худнамойи бо оройиш, чодарҳо ва рӯсариҳошонро канор гузоарнд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَالْقَوَاعِدُ مِنَ النِّسَاءِ اللَّاتِي لَا يَرْجُونَ نِكَاحًا فَلَيْسَ عَلَيْهِنَّ جُنَاحٌ أَنْ يَضَعْنَ ثِيَابَهُنَّ غَيْرَ مُتَبَرِّجَاتٍ بِزِينَةٍ ۖ وَأَنْ يَسْتَعْفِفْنَ خَيْرٌ لَهُنَّ ۗ وَاللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ﴾ (Нур/ 60); <<Ва бар занони аз кор афтодае ки умеде ба никоҳ надоранд гуноҳе нест ки ҷомаҳошонро бидуни худнамойи бо оромиш канор бигзоранд ва агар пӯшидагӣ ҷӯянд барояшон беҳтар аст ва Худованд шунавойи доност>>.

**Таълиқи шумора: 1** **Тарихи таълиқ: 13/08/2016**
**Нависандаи таълиқ: Ризо Розӣ**

Ҳадди ҳиҷоб ва пӯшиши мардро бифармойед.

**Посух ба таълиқи: 1** **Тарихи посух ба таълиқ: 18/08/2016**

Ҳадди ақалли ҳиҷоб барои мард ҳамон аст ки дар боло тавзеҳ дода шуда, вале бо таваҷҷуҳ ба ривоёти мутавотир ва машҳур пӯшондани бадан аз ноф то зону барои мард мустаҳабби муъаккад аст, балки иктифо ба ҳадди ақалли ҳиҷоб барои ӯ ҷуз дар мавориди зарурат ваҷҳе надорад; Ҳамчунонки пӯшондани аврат бо ҷомаҳои часпоне ки ҳаҷми онро ошкор мекунанд, кофӣ нест. Ба илова, напӯшондани миқдоре аз бадан ки пӯшондани он дар урф бойиста

маҳсуб мешавад, бар хилофи мурувват аст ва агар муҷиби шӯҳрат ва ангуштнамойи мешавад, ҷойиз нест.

**Таълиқи шумора:** 2 **Тарихи таълиқ:** 25/01/2017
**Нависандаи таълиқ:** Нарҷис

Бо арзи салом ва хаста набошед, назари ҳазрати алломаро дар бораи никоб ва кайфияти он дар ҷомеъаи кунунӣ мехостам.

**Посух ба таълиқи:** 2 **Тарихи посух ба таълиқ:** 29/01/2017

Машҳури олимони мусалмон, пӯшондани рӯйро бар занон воҷиб надонистаанд, балки дар бораи адами вуҷуби пӯшондани он иддаъои иҷмоъ шудааст (бингаред ба: Ибни Мутаҳҳари Ҳиллӣ, Тазкиратул Фуқаҳоъ [тибъи ҷадид], ҷ2, с446) Ва ин ба сабаби сухани Худованд аст ки фармудааст: ﴿وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا ۖ وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّ﴾ (Нур/ 31); <<Ва занон зебойиҳои худ ҷуз чизҳойе аз онҳо ки ошкор мешавадро намоён накунанд ва бояд рӯсариҳошонро бар рӯйи геребонҳошон бияндозанд>>, бо таваҷҷуҳ ба инки аз як сӯ қадри мутаяққин аз ﴿مَا ظَهَرَ مِنْهَا﴾; <<Чизҳойе аз онҳо ки ошкор мешавад>> дар миёни мусалмонон рӯй буда ва аз сӯйи дигар <<Химор>> ба маънои рӯсарӣ дар миёнашон сарро мепӯшонда, вале рӯй ва гоҳе геребонро намепӯшонда ва бо ин васф, амр накардан ба пӯшондани рӯй монанди геребон, далили бар адами вуҷуби пӯшондани он аст; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки пӯшондани он дар ғолиби маворид монеъ аз шинохтаҳо ва таъомулҳои зарурӣ аст ва ин усру ҳараҷӣ баййин маҳсуб мешавад, дар ҳоле ки Худованд фармудааст: ﴿يُرِيدُ اللَّهُ بِكُمُ الْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ الْعُسْرَ﴾ (Бақара/ 185); <<Худованд барои шумо осонӣ мехоҳад ва барои шумо сахтӣ намехоҳад>> Ва фармудааст: ﴿مَا يُرِيدُ اللَّهُ لِيَجْعَلَ عَلَيْكُمْ مِنْ حَرَجٍ﴾ (Моъида/ 6); <<Худованд намехоҳад ки барои шумо дар дин тангнойе қарор диҳад>>.

Бо ин ҳол, пӯшондани рӯй барои занон ба шеваҳои мутаъораф, кори писандидае аст ки дар миёни салафи солеҳ марсум будааст; Чароки мусалламан пӯшидагии бештар барои онон аз пӯшидагии камтар беҳтар аст ва саломати бештаре барои нафси онон ва нафси мардон ба армуғон меоварад; Хусусан барои касоне аз онон ки рӯйи зеботаре доранд ва бидуни пӯшидани он сабаби ҷалби таваҷҷуҳи

мардон мешаванд; Бар хилофи занони кофир ва фосиқ ки аз неъмати Ислом бебаҳраанд ва ширинии имонро начашидаанд ва аз ин рӯ, дар ҷалби таваҷҷуҳи мардон мусобиқа медиҳанд ва мекӯшанд ки монанди фурушандагони даврагард маҳосини матоъашонро ба намойиш гузоранд ё монанди мутакаббирони худписанд доштаҳошонро ба рухи гуруснагон ва ниёзмандон бикашанд, дар ҳоле ки бо ин корашон танҳо арзиши худ назди солеҳонро пойин меоваранд ва бадандешон ва фурумоягонро ба тамаъ меандозанд ва ин чизе аст ки ба суди онон нест, балки зиёнҳои бисёре барои онон дорад ва оқибат барои парҳезкорон аст.

**Таълиқи шумора:** 3 **Тарихи таълиқ:** 14/02/2017
**Нависандаи таълиқ:** Ҷавод

Меҳоҳам бидонам доштани ҳиҷоб барои занон дар ҷомеъаи мисли Аврупо ки нигоҳи мардум нисбат ба мусалмонон ва ҳиҷоб бад шуда ва гоҳӣ авқот захми забон ва ё ҳатто хатароти ҷониро метавонад ба ҳамроҳ дошта бошад то чи андоза аз назари Ислом зарурӣ аст?

Ташаккур

**Посух ба таълиқи:** 3 **Тарихи посух ба таълиқ:** 22/02/2017

Доштани ҳиҷоб барои занони мусалмон дар ҳадде ки вуҷуби он табйин шуда зарурӣ аст, агарчи муҷиби маломати онон тавассути мардум шавад; Чароки нофармонии Худованд барои хушнуд сохтани мардум раво нест ва ба зиллат дар дунё ва азоб дар охират меанҷомад ва аз ин рӯ, Худованд дар ситойиши некон фармудааст: ﴿وَلَا يَخَافُونَ لَوْمَةَ لَائِمٍ﴾ (Моъида/ 54); <<Ва аз маломати маломатгаре намеҳаросанд>>. Бо ин васф, агар занони мусалмон дар сарзамине қодир ба доштани ҳиҷоб нестанд, бар онон воҷиб аст ки ба сарзамини дигаре муҳоҷират кунанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ تَوَفَّاهُمُ الْمَلَائِكَةُ ظَالِمِي أَنْفُسِهِمْ قَالُوا فِيمَ كُنْتُمْ ۖ قَالُوا كُنَّا مُسْتَضْعَفِينَ فِي الْأَرْضِ ۚ قَالُوا أَلَمْ تَكُنْ أَرْضُ اللَّهِ وَاسِعَةً فَتُهَاجِرُوا فِيهَا ۚ فَأُولَٰئِكَ مَأْوَاهُمْ جَهَنَّمُ ۖ وَسَاءَتْ مَصِيرًا﴾ (Нисоъ/ 97); <<Ҳароина касоне ки фариштагон ононро дар ҳоле ки ба худашон золим ҳастанд мемиронанд (ба онон) мегӯянд: Дар чи ҳол будед? Мегӯянд: Дар замин (аз амал ба аҳкоми Худованд) нотавон дошта

Аҳкоми ҳиҷоб, никоҳ ва равобити ҷинсӣ

мешудем, (фариштагон) мегӯянд: Оё замини Худованд паҳновар набуд то дар он муҳоҷират кунед?! Пас онон ҷойгоҳашон ҷаҳаннам аст ва бад бозгаштгоҳе аст>>!

Аз инҷо дониста мешавад иқомати мусалмонон дар сарзамине ки қодир ба риъояти аҳкоми Ислом дар он нестанд, ҳаром аст, магар инки ба ҳеҷ ваҷҳ имкони хуруҷ аз онро надошта бошанд ки дар ин сурат умед меравад Худованд ононро бибахшояд; Чунонки фармудааст: ﴿إِلَّا الْمُسْتَضْعَفِينَ مِنَ الرِّجَالِ وَالنِّسَاءِ وَالْوِلْدَانِ لَا يَسْتَطِيعُونَ حِيلَةً وَلَا يَهْتَدُونَ سَبِيلًا ۝ فَأُولَٰئِكَ عَسَى اللَّهُ أَنْ يَعْفُوَ عَنْهُمْ ۚ وَكَانَ اللَّهُ عَفُوًّا غَفُورًا﴾ (Нисоъ/ 98 ва 99); <<Магар мардон ва занон ва кӯдакони мустазъафе ки ҳеҷ чорае наметавонанд ва ҳеҷ роҳе пайдо намекунанд, пас ононро шояд Худованд бибахшояд ва Худованд бахшояндаи омӯрзгор аст>>.

**Таълиқи шумора: 4** **Тарихи таълиқ: 18/09/2017**
**Нависандаи таълиқ: Боқири Искандарӣ**

Бо салом ва арзи адаб ва орзуи муваффақияти ҳақ ва ҳақталабон

Оё ҳиҷоб ҷузви заруриёти дин аст? Муҷозоти касе ки ҳиҷобро шаръӣ ва дастури динӣ намедонад чист?

Ҳад ва таъзири зани бадҳиҷоб ё беҳиҷоб чиқадр аст? Оё аслан ҳокими мусалмон (дар сурати истиқрори ҳукумати мансуб аз сӯи Худованд) муҷоз ба таъзир ва муҷозоти марду зани бадпӯшиш аст?

Аз талошҳои шумо барои омодасозии замини Худованд барои захираи Худованд бисёр сипосгузор ва мамнун.

Ба умеди суқути тавоғит ва эътилои парчами Ал Байъату Лиллоҳ

**Посух ба таълиқи: 4** **Тарихи посух ба таълиқ: 27/09/2017**

Лутфан ба нукоти зер таваҷҷуҳ фармойед:

1 . Бино бар мабнои аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло, <<Зарурии Ислом ҳар чизе аст ки аз сариҳи каломи Худованд дар китобаш дониста мешавад>> (Бозгашт ба Ислом, с46) ва бо ин васф, вуҷуби ҳиҷоб зарурии Ислом аст; Чароки аз сариҳи каломи Худованд дар китобаш монанди ояи 31

### Аҳкоми ҳиҷоб, никоҳ ва равобити ҷинсӣ

сураи Нур ва ояи 59 сураи Аҳзоб дониста мешавад. Ин дар ҳоле аст ки мункари зарурии Ислом, мусалмон нест; Чароки дар воқеъ оёти Худовандро инкор мекунад ва Худованд фармудааст: ﴿وَمَا يَجْحَدُ بِآيَاتِنَا إِلَّا الْكَافِرُونَ﴾ (Анкабут/ 47); <<Ва оёти Моро ҷуз кофирон инкор намекунанд>>. Бо ин васф, касе ки <<Ҳиҷобро шаръӣ ва дастури динӣ намедонад>>, ҳаргоҳ муддаиъӣ мусалмонӣ бошад, мунофиқ аст ва ҳаргоҳ пас аз иддаъои мусалмонӣ, изҳори куфр кунад, муртад маҳсуб мешавад ва муҷозоти муртад маълум аст (бингаред ба: Пурсиш ва посухи 230).

2 . Зарурии Ислом, эътиқод ба ҳиҷобе аст ки дар Қуръон воҷиб шудааст, на илтизом ба он ва бо ин васф, касе ки ба он мултазим нест, ҳаргоҳ ба он мӯътақид бошад, мунофиқ ё маууртад маҳсуб намешавад, балки танҳо мусалмонӣ гунаҳкор аст. Албатта адами риъояти ҳиҷоб, аз гуноҳони кабира нест; Чароки Худованд дар китобаш онро мустувҷиби оташ надониста, вале рӯшан аст ки исрор бар он –монанди исрон бар ҳар як аз гуноҳони сағира– аз гуноҳони кабира маҳсуб мешавад ва ба маънои фисқ аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки Худованд дар васфи <<Муттақин>>, <<Мӯҳсинин>> ва <<Омилин>> фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ إِذَا فَعَلُوا فَاحِشَةً أَوْ ظَلَمُوا أَنْفُسَهُمْ ذَكَرُوا اللَّهَ فَاسْتَغْفَرُوا لِذُنُوبِهِمْ وَمَنْ يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا اللَّهُ وَلَمْ يُصِرُّوا عَلَىٰ مَا فَعَلُوا وَهُمْ يَعْلَمُونَ﴾ (Оли Имрон/ 135); <<Ва касоне ки чун кори зиште анҷом медиҳанд ё ба худашон ситам мекунанд Худовандро ба ёд меоваранд, пас барои гуноҳонашон истиғфор мекунанд ва чи касе ҷуз Худованд гуноҳонро меомӯрзад ва бар коре ки карданд исрор намеварзанд дар ҳоле ки медонанд>>.

3 . Дар Ислом ҳадде барои зане ки ҳиҷобро риъоят намекунад, таъйин нашуда ва таъзири ӯ низ дар миёни салафи солеҳ собиқа надошта ва ин аз он рӯ буда ки чунин зане дар миёни онон бисёр нодир будааст. Занони мусалмон дар қуруни мутамодӣ ҳиҷобро ба унвони фарҳангӣ ҷоафтода ва урфӣ ҳамагонӣ риъоят мекардаанд ва ҳеҷ ниёзе ба муҷозоти онон ба сабаби адами риъояти он эҳсос намешудааст. Адами риъояти он танҳо дар қарни ахир ва пас аз ба қудрат расидани ҳокимонӣ ғарбзада ва аз франгбаргашта дар бархӣ кишварҳои Исломӣ ва низ сустӣ ва кӯтоҳии олимони мусалмон дар таълим ва тарбияти мусалмонон шуюъ ёфта ва ба як мӯъзали

иҷтимоъӣ бо пайомадҳои мухталиф табдил шудааст. Оре, аз бархӣ ривоёт дониста мешавад ки адами риъояти ҳиҷоб тавассути мардон, дар садри Ислом мисдоқе дошта, ҳар чанд бештари ин масодиқ ношӣ аз фақр ва камбуди либос будааст; Чунонки ба унвони намуна, аз тариқи фаровоне ривоят шудааст ки занон дар замони Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам амр мешуданд ки пеш аз мардон сар аз саҷда барнадоранд; Чароки шалвори мардон бисёр танг ва кӯчак буда, то ҳадде ки имкон доштааст аврати онон дар саҷда маълум шавад (бингаред ба: Муснади Аҳмад, ҷ3, с16 ва ҷ5, с331; Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ1, с95; Саҳеҳел Муслим, ҷ2, с32; Сунани Абӣ Довуд, ҷ1, с149 ва 195; Нунани Нисоъӣ, ҷ2, с70; Сунани Байҳақӣ, ҷ2, с241; Ҳумайрӣ, Қурбул Аснод, с18; Ибни Бобувей, Ман ло яҳзарул фақиҳ, ҷ1, с396); Ҳамчунон аз Амр ибни Салама ривоят шудааст ки гуфт: «لَمّا كانَ يَوْمُ الْفَتْحِ جَعَلَ النّاسُ يَمُرُّونَ عَلَينا قَدْ جاؤُوا مِنْ عِنْدِ رَسُولِ اللّهِ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ فَأَدْنُو مِنْهُم فَأَسْمَعُ حَتّى حَفِظْتُ قُرآناً فَكُنْتُ أَقْرَأُ وَ أَنَا غُلامٌ فَجاءَ أَبِي بِإسْلامِ قَوْمِهِ إِلى رَسُولِ اللّهِ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ فَقالَ رَسولُ اللّهِ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ: يَؤُمُّكُمْ أَكْثَرُكُمْ قُرْآناً فَنَظَرُوا فَما وَجَدُوا فِيهِم أَحَداً أَكْثَرَ قُرآناً مِنِّي فَقَدَّمُوني فَكُنْتُ أَؤُمُّهُمْ وَ عَلَيَّ بُرْدَةٌ لِي صَغِيرَةٌ صَفْراءُ فَكُنْتُ إِذا سَجَدْتُ تَكَشَّفَتْ عَنِّي فَتَبْدُو عَوْرَتي، فَقالَتْ امْرَأَةٌ مِنَ النِّساءِ: وارُوا عَنّا عَوْرَةَ قارِئِكُمْ، فَاشْتَرُوا لِي قَمِيصاً عَمّانِياً، فَما فَرِحْتُ بِشَيءٍ بَعْدَ الْإسْلامِ فَرَحِي بِهِ» (Муснади Аҳмад, ҷ5, с30 ва 71; Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ5, с96; Сунани Абӣ Довуд, ҷ1, с141; Сунани Нисоъӣ, ҷ2, с71; Сунани Байҳақӣ, ҷ3, с91; Сунани Доруқутнӣ, ҷ2, с31); <<Вақте рӯзи фатҳи (Макка) шуд, мардум бар мо мегузаштанд, дар ҳоле ки аз назди Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам меомаданд, пас ман ба онҳо наздик мешудам ва аз онҳо мешунидам то он гоҳ ки оёте аз Қуръонро ҳифз кардам, пас қироъат мекардам дар ҳоле ки навҷавоне будам, пас падарм (хабари) Исломи қавмашро барои Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам бурд, пас Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам фармуд: Касе аз шумо ки бештар Қуръон медонад шуморо имомат кунад, пас нигоҳ карданд ва касеро дар миёни худ наёфтанд ки аз ман бештар Қуръон бидонад, пас манро пеш карданд, пас ман онҳоро имомат мекардам дар ҳоле ки порчаи кӯчаки сафеде бар по доштам ки чун ба саҷда мерафтам аз ман канор мерафт ва авратам намоён мешуд, то инки зане аз занҳо гуфт: Аврати қориятонро аз мо бипӯшонед! Пас барои ман як пероҳани Умонӣ хариданд, пас бади Ислом аз чизе ба

андозаи он хушҳол нашудам>>! Ҳамчунин, бархӣ аз ин масодиқ низ ғайри амдӣ ва ношӣ аз саҳв буда ва табъан мустаҳаққи муҷозот намешудааст; Чунонки ба унвони намуна, аз Мисвар ибни Махрама ривоят шудааст ки гуфт: «أَقْبَلْتُ بِحَجَرٍ أَحْمِلُهُ ثَقِيلٍ وَ عَلَيَّ إِزارٌ خَفِيفٌ قال: فَانْحَلَّ إِزارِي وَ مَعِي الْحَجَرُ لَمْ أَسْتَطِعْ أَنْ أَضَعَهُ حَتّى بَلَغْتُ بِهِ إِلى مَوْضِعِهِ، فَقالَ رَسولُ اللّهِ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ: ارْجِعْ إِلى ثَوْبِكَ فَخُذْهُ وَلا تَمْشُوا عُراةً» (Саҳеҳул Муслим, ҷ1, с184; Сунани Абӣ Довуд, ҷ2, с251; Сунани Байҳақӣ, ҷ2, с225); <<Дар ҳоле ки санги гароне дар даст доштам ва шарлвори сусте ба поям буд меомадам, пас ногоҳ шалворам афтод, дар ҳоле ки санг дар дастам буд, пас натавонистам онро ба замин бигзорам то инки ба ҷойи худаш расондам, пас Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ба ман фармуд: Баргард ва либосатро бардор ва бараҳна роҳ наравед>>! Бо ин ҳол, мисодиқе низ аз адами риъояти ҳиҷоб тавассути мардон дар садри Ислом гузориш шуда ки ношӣ аз таъаммуд ва бемуболотии онон буда ва бо ин ҳол, ба таъзири онон наянҷомидааст; Чунонки ба унвони намуна, аз Абдуллоҳ ибни Ҳарс ибни Ҷузъи Зубайдӣ ривоят шудааст ки гуфт: «أَنَّهُ مَرَّ وَ صاحِبٌ لَهُ بِأَيْمَنَ وَ فِئَةٍ مِنْ قُرَيْشٍ قَدْ حَلُّوا أُزُرَهُمْ فَجَعَلُوها مَخارِيقَ يَجْتَلِدُونَ بِها وَ هُمْ عُراةٌ، قالَ عبدُ اللهِ: فَلَمّا مَرَرْنا بِهِمْ قالُوا: إِنَّ هٰؤُلاءِ قِسِّيسُونَ فَدَعُوهُمْ ثُمَّ إِنَّ رَسُولَ اللّهِ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ خَرَجَ عَلَيْهِمْ فَلَمّا أَبْصَرُوهُ تَبَدَّدُوا فَرَجَعَ رَسولُ اللّهِ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ مُغْضَباً حَتّى دَخَلَ وَ كُنْتُ أَنا وَراءَ الْحُجْرَةِ فَسَمِعْتُهُ يَقُولُ: سُبْحانَ اللّهِ لا مِنَ اللّهِ اسْتَحْيُوا ولا مِنْ رَسُولِهِ اسْتَتَرُوا وَ أُمُّ أَيْمَنَ عِنْدَهُ تَقُولُ: اسْتَغْفِرْ لَهُمْ يا رَسُولَ اللّهِ! قالَ عبدُ اللهِ: فَبِلَأْيٍ مَا اسْتَغْفَرَ لَهُمْ» (Муснади Аҳмад, ҷ4, с191; Муснади Абӣ Яъло, ҷ3, с110); <<Ӯ ва ҳамроҳаш бар Айман ва гурӯҳе аз Қурайш гузаштанд ки шалворҳои худро даровварда буданд ва ба навъӣ тозиёна табдил карда буданд ва (гӯё аз сари бозӣ) бар якдигар мезаданд, дар ҳоле ки бараҳна буданд, пас чун мо бар онҳо гузаштем (ба шӯхӣ) гуфтанд: Инҳо кашиш ҳастанд раҳояшон кунед! Сипас Расули Худо саллаллоҳ алайҳи ва олиҳи ва саллам ба сӯи онҳо берун омад, пас чун ӯро диданд пароканда шуданд, пас Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам бо ҳолати хайшм бозгашт то инки дохил шуд, дар ҳоле ки ман беруни ҳуҷра будам, пас шунидам мефармояд: Субҳоналлоҳ! На аз Худованд шарм мекунанд ва на аз Паёмбараш мепӯшонанд! Дар ҳоле ки умми Айман назди ӯ буд, пас гуфт: Барояшон истиғфор кун эй Расули Худо! Пас бо таъхири бисёре барояшон истиғфор кард.>> Ва аз Алӣ ибни Абӣ Толиб ривоят шудааст ки фармуд: «إِنَّ النَّبِيَّ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ

## Аҳкоми ҳиҷоб, никоҳ ва равобити ҷинсӣ

رَأىٰ قَوْماً يَغْتَسِلُونَ فِي النَّهْرِ عُراةً لَيْسَ عَلَيْهِمْ أُزُرٌ، فَوَقَفَ فَنادىٰ بِأَعْلىٰ صَوْتِهِ، فَقالَ: ﴿مَا لَكُمْ لَا تَرْجُونَ لِلَّهِ وَقَارًا﴾» (Мусаннафи Абдурраззоқ, ҷ1, с286); <<Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам гурӯҳеро дид ки бо ҳолати бараҳна дар руд ғусл мекунанд ва шалворе ба пояшон нест, пас истод ва бо овози баланд фармуд: <Шуморо чи мешавад ки виқоре барои Худованд умед надоред?!> (Нуҳ/ 13)>> Ва аз Муҷоҳид ривоят шудааст ки гуфт: «لَمّا كانَ النَّبِيُّ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ بِالْحُدَيْبِيَّةِ وَ عَلَيْهِ ثَوْبٌ مَسْتُورٌ عَلَيْهِ، هَبَّتِ الرِّيحُ فَكَشَفَتِ الثَّوْبَ عَنْهُ فَإِذا هُوَ بِرَجُلٍ يَغْتَسِلُ عُرْياناً بِالْبَرازِ، فَتَغَيَّظَ النَّبِيُّ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ وَ قالَ: يا أَيُّها النّاسُ! اتَّقُوا اللّهَ وَ اسْتَحْيُوا مِنَ الْكِرامِ، فَإِنَّ الْمَلائِكَةَ لا تُفارِقُكُمْ إِلّا عِنْدَ إِحْدىٰ ثَلاثٍ، إِذا كانَ الرَّجُلُ يُجامِعُ امْرَأَتَهُ وَ إِذا كانَ فِي الْخَلاءِ، قالَ: وَ نَسِيتُ الثّالِثَةَ قالَ النَّبِيُّ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ: فَإِذا اغْتَسَلَ أَحَدُكُمْ فَلْيَتَوارِ بِالْأَغْسالِ إِلىٰ جِدارٍ، أَوْ إِلىٰ جَنْبِ بَعِيرٍ، أَوْ يَسْتُرُ عَلَيْهِ أَخُوهُ» (Мусаннафи Абдурраззоқ, ҷ1, с285); <<Дар ҳоле ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам дар Ҳудайбия буд ва дар баробари ӯ пардае овехта буд, ногоҳ боде вазид ва пардаро канор зад, пас мардеро дид ки бараҳна дар фазои боз ғусл мекунад, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ба хашм омад ва фармуд: Эй мардум! Аз Худованд битарсед ва аз каримон шарм кунед; Чароки фариштагон ҷуз дар се вақт аз шумо ҷудо намешаванд: Вақте ки мард бо занаш наздикӣ мекунад ва вақте ки дар мустароҳ аст, (ровӣ) мегӯяд: Ман севвумиро фаромӯш кардам, сипас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам фармуд: Ҳаргоҳ яке аз шумо ғусл мекунад бояд барои ғусл кардан пушти деворе ё канори шатре пинҳон шавад ё бародараш барояш пардае нигоҳ дорад.>> Ва аз Атоъ ривоят шудааст ки гуфт: «لَمّا كانَ النَّبِيُّ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ بِالْأَبْواءِ أَقْبَلَ فَإِذا هُوَ بِرَجُلٍ يَغْتَسِلُ بِالْبَرازِ عَلىٰ حَوْضٍ، فَرَجَعَ النَّبِيُّ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ فَقامَ فَلَمّا رَأَوْهُ قائِماً خَرَجُوا إِلَيْهِ مِنْ رِحالِهِمْ فَقالَ: إِنَّ اللّهَ حَيِيٌّ يُحِبُّ الْحَياءَ وَ سَتِيرٌ يُحِبُّ السِّتْرَ، فَإِذَا اغْتَسَلَ أَحَدُكُمْ فَلْيَتَوارِ» (Мусаннафи Абдурраззоқ, ҷ1, с288); <<Дар ҳоле ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам дар Абвоъ буд, ногоҳ мардеро дид ки бидуни пӯшиш канори ҳавзе ғусл мекунад, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам бозгашт ва истод, пас чун ӯро истода диданд аз назди васоили худ ба сӯяш омаданд, пас фармуд: Ҳароина Худованд боҳаё аст ва ҳаёро дӯст медорад ва пӯшида аст ва пӯшидагиро дӯст медорад, пас ҳаргоҳ яке аз шумо ғусл мекунад бояд пинҳон шавад.>> Ва аз ибни Ҷурайҷ ривоят шудааст ки гуфт: «بَلَغَنِي أَنَّ النَّبِيَّ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ خَرَجَ فَإِذا هُوَ بِأَجِيرٍ لَهُ يَغْتَسِلُ فِي الْبَرازِ، فَقالَ: لا أَراكَ تَسْتَحْيِي مِنْ رَبِّكَ، خُذْ إِجارَتَكَ لا حاجَةَ لَنا بِكَ» (Мусаннафи Абдурраззоқ, ҷ1, с289); <<Ба ман расидааст ки

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам берун омад, пас аҷири худро дид ки дар фазои боз ғусл мекунад, пас фармуд: Намебинам ки аз Парвардигорат ҳаё кунӣ, муздатро бигир, моро ба ту ҳоҷате нест.>> Ва аз Омир ибни Рабиъа ривоят шудааст ки гуфт: «أَتىٰ عَلَيْنا عَلِيٌّ وَ نَحْنُ نَغْتَسِلُ يَصُبُّ بَعْضُنا عَلىٰ بَعْضٍ فَقالَ: أَتَغْتَسِلُونَ وَلا تَسْتَتِرُونَ؟ وَاللّٰهِ إِنِّي لَأَخْشىٰ أَنْ تَكُونُوا خَلَفَ الشَّرِّ» (Мусаннафи Абдурраззоқ, ҷ1, с287); <<Алӣ ба назди мо омад, дар ҳоле ки мо ғусл мекардем ва бархимон бар рӯйи бархӣ дигар об мерехтем, пас фармуд: Оё дар ҳоле ғусл мекунед ки худатонро намепӯшонед?! Ба Худо қасам ман метарсам ки шумо ояндагони шарре бошед>>. Аз ин қабил ривоёт истинбот мешавад ки Паёмбар ва Алӣ ибни Абӣ Толиб бо вуҷуди ҳокимият бар мусалмонон, дар мувоҷеҳ бо касоне ки ҳиҷобро риъоят намекарданд, ба тазаккур ва тавбих басанда мефармуданд ва ба таъзири онон намепардохтанд. Оре, ривояте аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам расидааст ки бар ҷавози таъзири онон далолат дорад; Чунонки аз Исмоъил ибни Умая ривоят шудааст ки гуфт: «ذَهَبَ عَبْدُ الرَّحْمٰنِ بْنُ عَوْفٍ وَ أَبو بَكْرٍ أَوْ خالِدُ بْنُ الْوَليدِ إِلىٰ غَديرٍ بِظاهِرِ الْحَرَّةِ فَاغْتَسَلا، فَرَجَعا، فَأَخْبَرا النَّبِيَّ صَلَّى اللّٰهُ عَلَيْهِ وَ سَلَّمَ عَنْ مَخْرَجِهِما، حَتّى أَخْبَرا عَنِ اغْتِسالِهِما، قالَ: فَكَيْفَ فَعَلْتُما؟ قالَ: سَتَرْتُ عَلَيْهِ حَتّى إِذَا اغْتَسَلَ سَتَرَ عَلَيَّ حَتَّى اغْتَسَلْتُ، قالَ: لَوْ فَعَلْتُما غَيْرَ ذٰلِكَ لَأَوْجَعْتُكُما ضَرْباً» (Мусаннафи Абдурраззоқ, ҷ1, с285); <<Абдурраҳмон ибни Авф ва Абубакр ё Холид ибни Валид ба обгире дар пушти Ҳарраҳ рафтанд ва ғусл карданд ва бозгаштанд, пас ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аз рафтани худ хабар доданд, то инки аз ғусл карданашон хабар доданд, фармуд: Читавр кардед? Гуфт: Ман барои ӯ пардае гирифтам то инки ғусл кард, сипас ӯ барои ман пардае гирифт то инки ғусл кардам, фармуд: Агар таври дигаре мекардед шуморо бо задан ба дард меовардам>>. Ин ба маънои ҷавози таъзири касе аст ки ҳиҷоби воҷибро риъоят намекунанд ва аз ин рӯ, ривоят шудааст ки Умар ибни Абдулазиз соҳиби ҳаммомеро уқубат мекард ва касе ки бидуни лунги вориди он мешудро тозиёна мезад (бингаред ба: Мусаннафи Абдурраззоқ, ҷ1, с134) Ва ин мувофиқ бо қоъида ва мувофиқ бо китоби Худованд аст; Зеро қоъида он аст ки ҳар ҷурме, қобилияти муҷозот дар дунёро дорад ва адами риъояти ҳиҷоб – хусусан ҳаргоҳ ҷанбаи иҷтимоъӣ пайдо кунад– аз ин қоъида мустасно нест ва он ҳангоме аст ки урфан ба ишоъаи фаҳшо дар

миёни мусалмонон биянҷомад; Чароки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يُحِبُّونَ أَنْ تَشِيعَ الْفَاحِشَةُ فِي الَّذِينَ آمَنُوا لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ ۚ وَاللَّهُ يَعْلَمُ وَأَنْتُمْ لَا تَعْلَمُونَ﴾ (Нур/ 19); <<Ҳароина касоне ки дӯст медоранд фаҳшо дар миёни касоне ки имон овարданд шуюъ ёбад, барояшон дар дунё ва охират азобӣ дарднок аст ва Худованд медонад ва шумо намедонед>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки азобӣ дарднок дар дунё, чизе ҷуз ҳад ё таъзир нест. Бо ин васф, таъзири зан ё марде ки амдан бо зоҳирӣ шаҳватангез ба миёни мусалмонон меояд ва огоҳона ононро ба сӯи фаҳшо таҳрик мекунад, вазифаи ҳокими Исломӣ аст, ҳар чанд вазифаи ӯ ба таъзири чунин касе маҳдуд нест, бал пеш аз таъзири чунин касе, муваззаф аст ки аввалан ақойид ва аҳкоми Исломиро ба дурустӣ табйин кунад ва сонияն тақво ва макорими ахлоқиро ба хубӣ тарвиҷ диҳад ва солисан издивоҷро хусусан барои ҷавонон тасҳил ва бунёди хонаводаро таҳким кунад ва робиъан бо таблиғоти кофирон ва сойири авомили шуюъи фаҳшо дар миёни мусалмонон муқобила намояд; Чароки бидуни ин иқдомоти пешгирона ва зарурӣ, таъзири чунин касе мутаносиб ва одилона нест ва монанди қатъ кардани дасти касе аст ки аз рӯи гуруснагӣ ва адами дастрасӣ ба ғазо, ба дуздидани нон иқдом кардааст! Аз инҷо дониста мешавад ки ҳаргоҳ ҳокими Исломӣ ба вазоифи худ амал кунад, замина барои шуюъи фаҳшо ва адами риъояти ҳиҷоб дар миёни мусалмонон боқӣ намемонад ва ин коре аст ки танҳо аз халифаи Худованд дар замин бар меояд, на аз ҳар салла бар сар ё куту шалвор пӯшидае!

4 . Таъзир, лузуман ба маънои шалоқ задан ё ҳабс кардан нест, бал метавонад дар илзоми муҷрим ба анҷоми коре мисдоқ ёбад ки ба афзоиши амал ва тақвои ӯ кӯмак мекунад; Монанди илзоми ӯ ба ҳузур дар мадорис ё маҷолиси аҳли илм ва бо ин васф, ғарази қозӣ аз таъзири ӯ, бояд ислоҳи ӯ бошад; Чароки ӯ бародар ё хоҳари мусалмонаш аст ва мусалмонон валӣ ва дӯсти якдигаранд ва бояд барои ислоҳи якдигар кӯшиш кунанд. Вонгаҳе таъзир бояд бо ҷурм ва муҷрим мутаносиб бошад ва набояд худ ба ҷурмӣ дигар табдил шавад, ба ин сурат ки обурӯйи мусалмонеро ба ғайри ҳақ бирезад ё моли ӯро ба ғайри зарурат талаф кунад; Чароки мумкин аст гуноҳи чунин коре аз гуноҳи адами риъояти ҳиҷоб бузургтар бошад.

**Аҳкоми ҳиҷоб, никоҳ ва равобити ҷинсӣ**

5 . Кӯшиш барои ислоҳи зан ва марде ки ҳиҷоби исломиро риъоят намекунанд, ба ҳокими Исломӣ маҳдуд нест; Зеро ин кор мисдоқи амри ба маъруф ва наҳй аз мункар аст ки таклифи муштараки ҳамаи мусалмонон маҳсуб мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَالْمُؤْمِنُونَ وَالْمُؤْمِنَاتُ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاءُ بَعْضٍ ۚ يَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ﴾ (Тавба/ 71); <<Ва мардон ва занони мӯъмин бархӣ авлиёъи бархӣ дигаранд, ба муъаруф амр ва аз мункар наҳй мекунанд>> Ва он пеш аз ҳар чиз бо <<Қавли лаййин>> яъне гуфтори нарм анҷом мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَقُولَا لَهُ قَوْلًا لَيِّنًا لَعَلَّهُ يَتَذَكَّرُ أَوْ يَخْشَىٰ﴾ (Тоҳо/ 44); <<Пас бо ӯ ба гуфторӣ нарм сухан гӯйед, бошад ки мутазаккир шавад ё (аз Худованд) битарсад>> Ва албата ба мутазаккир шудани ҳар кас ки имон дошта бошад меанҷомад; Чунонки Худованд фармудааст; ﴿وَذَكِّرْ فَإِنَّ الذِّكْرَىٰ تَنْفَعُ الْمُؤْمِنِينَ﴾ (Зориёт/ 55); <<Ва тазаккур бидеҳ; Чароки тазаккур ба мӯъминон суд мерасонад>>, ҳар чанд муртаддон ва мунофиқонро озурда ва хашмгин месозад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَإِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ آيَاتُنَا بَيِّنَاتٍ تَعْرِفُ فِي وُجُوهِ الَّذِينَ كَفَرُوا الْمُنْكَرَ ۖ يَكَادُونَ يَسْطُونَ بِالَّذِينَ يَتْلُونَ عَلَيْهِمْ آيَاتِنَا ۗ قُلْ أَفَأُنَبِّئُكُمْ بِشَرٍّ مِنْ ذَٰلِكُمُ ۗ النَّارُ وَعَدَهَا اللَّهُ الَّذِينَ كَفَرُوا ۖ وَبِئْسَ الْمَصِيرُ﴾ (Ҳаҷ/ 72); <<Ва ҳангоме ки оёти рӯшани Мо бар онон хонда мешавад, дар рӯйи касоне ки кофир шуданд зиштиро мебинӣ! Наздик аст ба касоне ки оёти Моро бар онон мехонанд, ҳамла кунанд! Бигӯ оё пас шуморо ба чизе бадтар аз он хабар бидиҳам?! Оташ ки Худованд ба касоне ки кофир шуданд, ваъдааш дода ва бад ҷойгоҳе аст>>. Бегумон бахши қобили таваҷҷуҳе аз шуюъи фашҳо ва адами риъояти ҳиҷоб дар миёни мусалмонон, ношӣ аз тарки фарзияи амри ба маъруф ва наҳй аз мункар тавассути онон аст ва бо ин васф, halt наметавон ҳамаи гуноҳи ононро бар гардани ҳокимони золим ва олимони хоъин андохт, бал метавон гуфт ки бахши қобили таваҷҷуҳе аз зулми ҳокимони золим ва хиёнати олимони хоъин низ ношӣ аз сустӣ ва кӯтоҳии мусалмонон дар амал ба фаризаи амри ба маъруф ва наҳй аз мункар аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки агар мусалмонон ба таклифи худ дар ин замина амал мекарданд ва аз дониш ва эҳтимоми кофӣ барои он бархурдор буданд, ҳеҷ гоҳ ҳокимони золим ва олимони хоъин замоми дунё ва дини ононро ба даст намегирифтанд ва наметавонистанд бо зулм ва хиёнати худ, заминаи дур шудани фарзандонашон аз ақойид ва аҳкоми исломиро фароҳам созанд;

Чунонки аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло бо ишора ба ин нуктаи муҳим, хитоб ба онон фармудааст:

> <<Агар шумо огоҳ будед, инон бар шумо султа намеёфтанд ва агар шумо доно будед, инон бар шумо чира намешуданд! Оё дар торикии шаб нест ки дузд ба хона меояд ва дар оби гилолуд нест ки моҳӣ ба тӯр меафтад?!>> (Номаи 3).

Тавфиқи ҳамаи мусалмонони ҷаҳон дар бозгашт ба Ислоannи ҳақиқӣ ва илтизом ба ақойид ва аҳком онро аз даргоҳи Худованди меҳрубон масъалат дорем; Чароки ин хайри дунё ва охирати онон ва шарти убурашон аз бӯҳронҳо ва мӯъзалоти кунунӣ аст.

**Таълиқи шумора: 5** — **Тарихи таълиқ: 08/04/2020**
**Нависандаи таълиқ: Отифа Ҳиҷозӣ**

Оё бурдани бачаи 6 то 10 сола ба маҷлиси занон ки занҳо дар он бидуни ҳиҷоб ҳастанд ва либоси роҳат ба тан доранд, ҷойиз аст?

**Посух ба таълиқи: 5** — **Тарихи посух ба таълиқ: 12/04/2020**

Кӯдакон ғолибан аз ҳафт солагӣ хуб ва бадро тамйиз медиҳанд ва ба тадриҷ шаҳватро дар меёбанд. Аз ин рӯ, барои занон бойиста аст ки ҳиҷобро назди онон риъоят кунанд; Зеро Худованд риъояти ҳиҷоб назди кӯдаконро воҷиб надонистааст ки ﴿لَمْ يَظْهَرُوا عَلَى عَوْرَاتِ النِّسَاءِ﴾ (Нур/ 31); <<Аз авратҳои занон огоҳӣ наёфтаанд>> ва онон кӯдакони ғайри мумайииз ҳастанд ки ғолибан камтар аз ҳафт сол доранд. Ҳар чанд шойиста аст ки чизҳойе монанди аврати ҷинсиро аз онон ҳам пинҳон дошт; Чароки мумкин аст бар рӯйи равон ва шахсияти онон асари манфӣ бигзорад; Чунонки ривоёти мутаъаддиде дар наҳй аз ҳамоғӯшӣ дар пеши чашми кӯдак, аъамми аз мумайииз ё ғайри мумайииз, расидааст; Монанди ривояте аз Алӣ алайҳи салом ки дар он омадааст: «نَهَى رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَآلِهِ وَسَلَّمَ أَنْ يُجامِعَ الرَّجُلُ امْرَأَتَهُ وَالصَّبِيُّ فِي الْمَهْدِ يَنْظُرُ إِلَيْهِما» (Ибни Ашъас, Ал-Ҷаъфариёт, ҷ1, с249); <<Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам наҳй фармуд аз инки мард бо зани худ наздикии кӯнад, дар ҳоле ки кӯдаке дар гаҳвора ба он ду менигарад>> ва ривояте аз имом Ҷаъфари Содиқ алайҳи салом ки дар он омадааст: «إِيَّاكَ أَنْ تُجامِعَ أَهْلَكَ وَصَبِيٌّ يَنْظُرُ إِلَيْكَ، فَإِنَّ رَسُولَ

**Аҳкоми ҳиҷоб, никоҳ ва равобити ҷинсӣ**

«اللَّهِ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَآلِهِ وَسَلَّمَ كانَ يَكْرَهُ ذَلِكَ أَشَدَّ كِراهَةً» (Ибни Бастом, Таббул Аъимма, с133); <<Бипарҳез аз инки бо ҳамсарат наздикӣ кунӣ, дар ҳоле ки кӯдаке ба сӯят менигарад; Чароки Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам шадидан аз ин кор кароҳат дошт>> ва ривоятӣ дигар аз Ӯ ки дар он омадааст: «قَالَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَآلِهِ وَسَلَّمَ: والَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ لَوْ أَنَّ رَجُلاً غَشِيَ امْرَأَتَهُ وفِي الْبَيْتِ صَبِيٌّ مُسْتَيْقِظٌ يَرَاهُمَا ويَسْمَعُ كَلَامَهُمَا ونَفَسَهُمَا مَا أَفْلَحَ أَبداً، إِذَا كَانَ غُلَاماً كَانَ زَانِياً أَوْ جَارِيَةً كَانَتْ زَانِيَةً» (Кулайнӣ, Ал-Кофӣ, ҷ5, с500); <<Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам фармуд: Ба касе ки ҷонам ба дасти Ӯст савганд ки агар марде бо занаш ҳамоғӯш шавад, дар ҳоле ки дар хона кӯдаке бедор аст ки он дуро мебинад ва суханашон ва нафасашонро мешунавад, ҳаргиз растгор нахоҳад шуд, агар писар бошад мардӣ зинокор ва агар духтар бошад занӣ зинокор хоҳад шуд>> ва ривоятӣ дигар аз Ӯ ки дар он омадааст: «لَا يُجَامِعِ الرَّجُلُ امْرَأَتَهُ ولَا جَارِيَتَهُ وفِي الْبَيْتِ صَبِيٌّ، فَإِنَّ ذَلِكَ مِمَّا يُورِثُ الزِّنَا» (Барқӣ, Ал-Маҳосин, ҷ2, с317; Кулайнӣ, Ал-Кофӣ, ҷ5, с499); <<Мард бо зан ё канизи худ наздикӣ накунад, дар ҳоле ки кӯдаке дар уток аст; Чароки он боъиси зино мешавад>>.

Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
Бахши посухгӯӣ ба пурсишҳо

